آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

30 сентябри соли 2023 Шанбе № 78 (14985)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ҲАМОИШИ НАХУСТИНИ САРОНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЛМОН

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Канслери федералии Олмон Олаф Шолс бо сафари корӣ ба Берлин рафт.

29 сентябр дар чаҳорчӯби барномаи сафари корӣ ба Олмон Сарвари давлат дар мулоқоти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Президенти Федералии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер ширкат дошт.

Дар чорабинӣ инчунин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Пешвои Миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳати Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов иштирок доштанд.

Дар мулоқот масъалаҳои таҳкими муколамаи созандаи сиёсӣ, тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёту коммуникатсия ва фарҳангию гуманитарӣ баррасӣ шуданд.

Инчунин оид ба ҷанбаҳои кунунии таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди устувор, аз он ҷумла дар доираи барномаи Иттиҳоди Аврупо табодули афкор сурат гирифт.

Сарвари давлатамон зимни суханронии худ ба дурнамои ҳамкориҳои мутақобила дар формати «Осиёи Марказӣ – Олмон» махсусан таваҷҷуҳ кард. Ба самтҳои афзалиятноки шарикии амалӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи технологияҳои олӣ ва рушди инноватсионӣ, коммуникатсияҳои нақлиётӣ, энергетикаи «сабз», таҳсилоти касбӣ, табодули фаъоли фарҳангӣ ва академӣ эътибори хосса дода шуд.

Вусъати ҳузури ширкатҳо ва бонкҳои пешрафтаи Олмон дар Ӯзбекистон бо қаноатмандии амиқ қайд гардид. Шавқу ҳаваси ҷавонони мо ба забони немисӣ зиёд шуд – имрӯз қариб 300 ҳазор нафар мактаббачагон ва донишҷӯён онро меомӯзанд.

Дар рафти суҳбат Президенти Федералии Олмон роҳбари Ӯзбекистонро бо баргузории бомуваффақияти намоишгоҳи беназири мероси фарҳангӣ ва таърихӣ дар Галереяи машҳури Ҷеймс Саймон дар Берлин табрик намуд. Дар давоми якчанд моҳ намоишгоҳро зиёда аз 200 ҳазор нафар сокинон ва меҳмонони пойтахти Олмон тамошо карданд.

Пас аз ин мулоқоти дуҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федералии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер баргузор гардид.

Масъалаҳои мубрами рушди муносибатҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Олмон, пеш аз ҳама дар соҳаҳои инноватсия ва технология, иқтисодиёти «сабз», энергияи муқобил, нақлиёт ва логистика, таълим ва фарҳанг баррасӣ шуданд.

Аҳамияти идомаи саъю кӯшиши муштарак ҷиҳати татбиқи тавофуқоти музокироти судманд, ки дар ҷараёни сафари сатҳи олӣ ба Олмон дар моҳи майи соли ҷорӣ сурат гирифта буд, таъкид шуд.

Президентҳо ҳамчунин доир ба рӯзномаи минтақавӣ табодули афкор намуда, аз ҷумла аҳамияти ба роҳ мондани ҳамкориҳои амалӣ дар формати «Осиёи Марказӣ – Олмон»-ро қайд карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши нахустини сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон, ки таҳти раисии Канслери Федералии Ҷумҳурии Федеративии Олмон Олаф Шолс гузашт, иштирок намуд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Маслиҳати Халқи Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов ширкат ҷустанд.

Мувофиқи рӯзномаи ҳамоиш пешомади вусъат додани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву инсонпарварӣ, рушди энергетикаи «сабз» ва обсозиш ба тағйироти иқлим, масъалаҳои ҳифзи захираҳои табиӣ ва муҳити атроф, ҳамчунин саъю кӯшишҳои муштарак бобати таъмин сохтани рушди муттасил ва устувори минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Иштирокдорони чорабинӣ қайд намуданд, ки шакли «Осиёи Марказӣ – Олмон» барои мулоқоти ошкоро ва ташаккул додани рӯзномаи нави ҳамкориҳои амалии кишварҳои минтақа бо ҷониби Олмон соҳати самарабахш гардид.

Роҳбари давлати мо ба сатҳи кунунии ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ баҳои баланд дод ва таъкид сохт, ки Ӯзбекистон рӯзномаи некҳамсоягӣ, таҳкими эътимоди тарафайн ва шарикиро мустақимона идома медиҳад.

Ба нақши Олмон бобати расондани кумаки амалӣ барои рушди кишварҳои минтақа аз рӯзҳои аввали истиқлолият баҳои баланд дода шуд.

Қайд гардид, ки алҳол мамлакати мо дар давраи муҳими ташаккулёбӣ ва сохтори Ӯзбекистони Нав – давлати демократие, ки манфиатҳои инсон афзалияти олии он ба шумор меравад, қарор дорад. Стратегияи дарозмуҳлати рушди мамлакат то соли 2030-юм қабул шуд ва барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои азими он бо ҷалби иқтидори шарикони байналхалқӣ саъю кӯшиш карда мешавад.

Самтҳои афзалиятноки ҳамкории дарозмуҳлат, ки аҳамияти умумиминтақавӣ доранд, мушаххас карда шуданд. Инҳо рушди робитаҳои сармоявӣ, инноватсионӣ ва технологӣ, мубодилаи таҷриба, ҷорӣ кардани манбаъҳои нави энергия, коркарди амиқи захираҳои ашёи хом, пурзӯр кардани алоқаҳои тарафайни нақлиётиву комимуникатсионӣ, пешбурди рӯзномаи «сабз», тайёр намудани мутахассисон барои соҳаҳои мухталиф мувофиқи меъёрҳои олмонӣ, кумаки башардӯстона ба аҳолии Афғонистон мебошанд.

Сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳоди ҷониби Олмонро бобати истиқрори Шарикии стратегии минтақавии байни Осиёи Марказӣ ва Олмон, гузаронидани вохӯрӣ ва машвараҳои мунтазамро дар шакли мазкур дастгирӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи иштирок дар ҳамоиши нахустини «Осиёи Марказӣ – Олмон» дар Берлин бо Канслери Ҷумҳурии Федеративии Олмон Олаф Шолс гуфтушунид кард.

Ҷиҳатҳои рӯзмарраи рӯзномаи дуҷониба баррасӣ шуданд, масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву олмонӣ муҳокима гардиданд.

Ба вусъат додани шарикии тиҷоратӣ, амиқсозии кооператсия дар соҳаҳои иқтисодиёт, сармоя, нақлиёт, энергетика ва ҷанбаҳои дигари муносибати дуҷониба эътибори махсус дода шуд. Қайд гардид, ки сафари расмии роҳбари Ӯзбекистон ба Берлин, ки моҳи майи соли равон ба вуқӯъ омада буд, барои фаъол шудани муносибатҳои дуҷониба такони пурқувват бахшид.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БА ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁНИ ӮЗБЕКИСТОН

Муҳтарам омӯзгорон ва мураббиён!

Ҳамаи шумо, тамоми кормандон ва собиқадорони соҳаи таълиму тарбияро бо ҷашни умумихалқӣ – Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Алҳол мо дар Ӯзбекистон давлати иҷтимоие бунёд мекунем, ки дар он ҳар як инсон новобаста аз миллат, забон ва эътиқодаш метавонад қобилият ва истеъдод, дониш ва таҷрибаи худро татбиқ намояд. Бо ин мақсад мо тамоми ниру ва имкониятҳоро барои рушди ҳамаҷониба, пешрафти зеҳниву ҷисмонии ҷавононамон, таълими босифат гирифтани онҳо, мақоми сазовори худро дар ҳаёт пайдо карданашон сафарбар менамоем.

Ҳамаи моро, бешубҳа, он чиз хушнуд месозад, ки дар иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ислоҳоти соҳаи таълими дар кишварамон татбиқшаванда ҳамчун созгори Ҳадафҳои рушди устувори СММ эътироф карда шуд.

Соли равон дар Сарқонуни навшудаи мамлакат бори аввал мақоми омӯзгор сабт ёфт, рушди низоми таълим аз ҷумлаи вазифаҳои асосии давлат дониста шуд.

Баробари баланд шудани мақом ва обрӯи омӯзгор дар ҳаёти ҷомеа, табиист, ки аҳамияти таълиму тарбия, илму фарҳанг низ меафзояд. Зеро нуфузи омӯзгор ин нуфузи миллат, тамоми халқ аст.

Солҳои охир ба шарофати саъю кӯшишҳои муштараки мо дар мамлакат бисёр кӯдакистонҳо, мактабҳо ва муассисаҳои нави таълими олӣ бунёд мешаванд. Пойгоҳи моддиву техникӣ, иқтидори кадрии муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва илмӣ мустаҳкам мегардад. Китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои нав омода карда мешаванд.

Ба тарзи шоиста қадр кардан ва рағбатнок намудани меҳнати душвори кормандони соҳа мунтазам дар маркази диққати мо қарор дорад. Тӯли ҳафт соли охир дарҷаи фарогирӣ бо таълими томактабӣ аз 27 то 72 фоиз афзуд, бо таълими олӣ бошад, аз 9 то 42 фоиз зиёд гардид, миқдори муассисаҳои таълими олӣ аз 77 то ба 212 адад расид, ки бешубҳа, метавон дастоварди муҳимтарини мо ҳисобид.

Дар пояи барномаҳои қабулшудаи соҳаи таълим ва тарбия солҳои охир аз ҳисоби бунёди 261 адад мактабҳои нави миёна ва васеъ кардани 2,5 ҳазор таълимгоҳҳои мавҷуда барилова 700 ҳазор ҷойи таълим фароҳам оварда шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

ХАБАРИ МУХТАСАР

дар бораи ҷамъомади умумии чилу панҷуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

29 сентябри соли 2023 дар Тошканд ҷамъомади умумии чилу панҷуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба кор шурӯъ намуд.

Дар он аъзои Сенат, ҳукумат, намояндагони вазорату идораҳо, узви Парлумони ҷавонони назди Сенат ва кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Ба кори ҷамъомади умумӣ, ки дар формати алоқаи видеоконфронс баргузор гардид, Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.

Ҷамъомади умумӣ дар тартиби онлайн ба воситаи канали Сенат дар YouTube намоиш дода шуд.

Аввало сенаторон Қонун «Дар бораи мақоми педагог»-ро, ки он ба рӯзномаи ҷамъомади умумии чилу панҷуми Сенат дохил шуда буд, мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар асоси Қонуни мазкур мақоми педагог дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути фароҳам овардани шароити ташкилию ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани фаъолияти касбии омӯзгорон, таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо ва пешниҳоди кафолатҳои амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо эътироф карда мешавад.

Дар қонун ҳуқуқҳои педагогҳр барои ба амал баровардани фаъолияти касбиашон равшан муқаррар карда шудаанд. Мутобиқи он муқаррар шудааст, ки омӯзгор ҳангоми иҷрои фаъолияти касбии худ метавонад фароҳам овардани шароити зарурро талаб намояд, тибқи санадҳои қонунгузорӣ рухсатии истироҳатӣ гирад, дар идоракунии ташкилоти таълимӣ иштирок намояд, инчунин масъалаҳоеро, ки ба фаъолияти худ дахл доранд, муҳокима намуда, ҳифз аз дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти касбии онҳо ва муносибати эҳтиромонаи хонандагон ва падару модарони онҳоро (намояндагони қонунӣ) талаб намояд.

Ҳамзамон, қонун дахолат ба фаъолияти касбии омӯзгорро бо роҳи ҷалб намудан ба корҳои ба онҳо алоқаманд набуда, навбатдорӣ дар муассисаи таълимӣ дар давраи тирамоҳу зимистон ва рӯзҳои идҳои ғайрикорӣ, вазифадор кардани омӯзгор ба хариди молу хизматрасонӣ, аз ҷумла нигоҳ доштани музди меҳнати омӯзгор барои мол ва хидматҳо бидуни розигии ӯ манъ мекунад.

Илова бар ин, қонун қоидаҳои одоби педагогӣ, тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон, аттестатсия ва категорияҳои тахассусии онҳоро муқаррар мекунад. Қоидаҳои одоби педагогӣ барои ташкилотҳои таълимӣ аз ҷониби Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия таҳия карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

ҲАМОИШИ НАХУСТИНИ САРОНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЛМОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тӯли солҳои охир нишондиҳандаҳои мубодилаи мол ва кооператсияи саноатӣ ду баробар афзуданд. Дар мамлакат ширкатҳои машҳури олмонӣ, чун «Volkswagen», «MAN», «CLAAS», «Siemens», «Linde», «Aurubis», «Henkel», «Knauf», «Papenburg», «Deutsche Kabel» ва бисёр дигар бомуваффақият кор мекунанд.

Маҷмӯи нави лоиҳаҳо дар соҳаҳои маъданҳои кӯҳӣ, энергетика, кимё, электротехника, саноати бофандагӣ ва инфрасохтор ташаккул ёфтанд.

Роҳбари давлати мо як қатор таклифҳои нави мушаххасро бобати мунтазам гузарондани чорабиниҳои муштараки иқтисодӣ, татбиқ сохтани лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи муқобил, рақамикунонии хоҷагии қишлоқ ва идораи захираҳои об, коркарди амиқи ашёи хом, вусъат додани воситаҳои молиявӣ, мустаҳкам кардани робитаҳои байни минтақаҳои ду мамлакат, ҳамкории тарафайн дар соҳаи муҳоҷират ва зудамалро иброз дошт.

Хоҳиши дуҷониба бобати рушди табодули фарҳангиву инсонпарварӣ, амалан татбиқ намудани барномаҳои муштарак дар соҳаҳои илму таълим ифода гардид.

Ҳамчунин бинобар масъалаҳои таъмин сохтани амнияти минтақавӣ, аз ҷумла бо назардошти рушди вазъият дар Афғонистон табодули афкор ба амал омад.

Дар анҷоми мулоқот Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз Канслери Федералии Олмон Олаф Шолс даъват ба амал овард, ки бо сафари расмӣ ба кишвари мо ташриф оварад.

Сарвари давлат дар кори Анҷумани иқтисодӣ, ки таҳти сарпарастии Кумитаи шарқии иқтисодиёти немис созмон ёфт, иштирок намуд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Маслиҳати Халқи Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов иштирок доштанд.

Аз ҷониби Олмон Вазири федералӣ оид ба супоришҳои махсус, роҳбари Идораи Канслери федералӣ Волфганг Шмидт, котиби давлатии Вазорати федералии иқтисодиёт ва ҳифзи иқлим Удо Филипп, раиси Кумитаи шарқии иқтисодиёти немис Клаас-Мюлхойзер ширкат ҷустанд.

Ғайр аз ин дар кори анҷуман роҳбарони ширкат ва бонкҳои машҳури Олмон, аз ҷумла CLAAS, Siemens Energy, Knauf, Linde, Papenburg, BayWa, WILO, IPEX-Bank, Commerzbank, AKA, Mangold Consulting, Deutsche Bahn, DB E.C.O., Euler Hermes, Ernst Klett, SMS Group, Dtutsche Bank, Evonik Industries, John Deere, BASF, Airbus ва ғайра иштирок карданд.

Роҳбари Ӯзбекистон бо қаноатмандии бузург таъкид кард, ки чорабинии кунунӣ шаҳодати афзудани рағбати тиҷорати немис ба вусъат додани фаъолият дар бозори кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Пешомади ҳамкориҳои сармоявӣ, инноватсионӣ ва технологӣ, татбиқсозии лоиҳаҳои кооператсионӣ дар соҳаҳои технологияи олӣ, ҳамчунин дар ҷанбаи энергетикаи «сабз», коркарди амиқи захираҳои ашёи хом, логистика ва нақлиёт, тайёркунии кадрҳо зикр гардиданд.

– Мо якҷо бинобар бозсозии соҳаҳои асосии иқтисодиёти мамлакат кор мекунем, силсилаи самарабахши арзиши иловагӣ ва ҳазорҳо ҷойҳои нави кориро фароҳам меоварем. Мо аз созмон ёфтани майдончаҳои нав ва майдонҳои доимӣ барои мулоқоти ошкоро манфиатдорем, – қайд кард Президенти мамлакати мо.

Рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявии ӯзбекистониву олмонӣ тайи солҳои охир бо қаноатмандӣ таъкид шуд. Микдори лоиҳа ва корхонаҳои муштарак ду баробар зиёд гардид.

– Ҳамаи шумо, воқеан, барои пешрафти муносибатҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву олмонӣ корҳои зиёдеро анҷом медиҳед, лоиҳаҳои шумо бошанд, намунаи ҳамкории бомуваффақияти дарозмуҳлат ба шумор мераванд. Ман ба ин баҳои баланд медиҳам, – зикр намуд роҳбари давлати мо.

Сарвари кишварамон ба афзалиятҳои минбаъд вусъат додани ҳамкориҳо бо ширкатҳои олмонӣ таваккуф намуда, як қатор самтҳои пешомаднокро мушаххас кард.

Пеш аз ҳама, ин рушди кооператсия ва вусъат додани иштироки ширкатҳои олмонӣ дар Ӯзбекистон мебошад. Роҳбари давлати мо мавҷуд будани имкониятҳои зиёдро барои истеҳсоли маҳсулоти харидоргири саноатӣ қайд намуд.

Ба мақсади дастгирӣ кардани лоиҳаҳои минтақавӣ Президенти кишвари мо таклиф кард, ки дар Ӯзбекистон Намоишгоҳи Осиёи-марказии технологияҳои олии саноатии истеҳсолгарони машҳури олмонӣ гузаронида шавад.

Дар ин бобат вай самти муҳими шарикиро энергетикаи «сабз» номид. Роҳбари Ӯзбекистон таҷрибаи бомуваффақият ва лоиҳаҳои пешомадноки кооператсиониро бо ҳамкорони олмонӣ дар соҳаи рушди энергетикаи муқобил қайд кард.

Таклиф шуд, ки дар сатҳи минтақавӣ Барномаи ҳамкорӣ бо марказҳои муҳандисиву лоиҳавии олмонӣ ва холдингҳои саноатӣ оид ба татбиқ намудани лоиҳаҳои иқтисодиёти «сабз» коркард ва қабул карда шавад.

Президент муҳимияти лоиҳаҳои муштаракро дар соҳаи захираҳои норасои ашёи хом бо ҷорӣ намудани қарорҳои пешқадами технологӣ бинобар коркарди онҳо ва ба роҳ мондани содироти маҳсулоти саноатӣ ба миён гузошт.

Ба масъалаҳои амнияти хӯрокворӣ эътибори махсус дода шуд.

– Осиёи Марказӣ барои пурра таъмин сохтани талаботи дохилӣ ва ташкил намудани содироти молҳои босифати озуқаворӣ ба кишварҳои Аврупо тамоми имкониятҳои заруриро дорад, – таъкид кард роҳбари давлати мо.

Аз ин ҷиҳат ба ҷалби технологияҳои сарфакунандаи энергия ва рақамии ширкатҳои олмонӣ дар сектори аграрӣ ва хоҷагии об омода будани кишвари мо изҳор гардид.

Баргузор кардани чорабиниҳои муштараки минтақавӣ дар соҳаи хӯрокворӣ пешниҳод шуд.

Президент ҳамчунин ба ҳамкориҳои тарафайн дар соҳаҳои нақлиёт ва логистика таваккуф намуд. Муҳимияти рушди хатсайрҳои самарабахше, ки Осиёи Марказиро бо Аврупо мепайванданд, таъкид гардид. Барои дастгирии коршиносии лоиҳаҳои нақлиётӣ пешниҳод шуд, ки мутахассисони ташкилот ва ширкатҳои машҳури олмонӣ ҷалб карда шаванд.

Дастгирӣ намудани ташаббусҳо бинобар тайёр кардани мутахассисони баландмалака самти муҳими рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву олмонӣ дониста шуд.

Дар анҷом роҳбари давлати мо омодагии худро барои ҳамаҷониба дастгирӣ кардану идома додани ташаббусҳои соҳибкорӣ ва лоиҳаҳои муштараки сармоявӣ дар Ӯзбекистон тасдиқ намуда, қайд кард, ки Осиёи Марказӣ минтақаи имкониятҳои бузург барои намояндагони тиҷорати Олмон мебошад.

ЎзА.

БА ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁНИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Соли равон дар мактабҳо 500 нафар мутахассисони оид ба забонҳои хориҷӣ, ки аз хорича даъват шудаанд, ба кор пардохтанд. Дар оянда мо микдори онҳоро 3 баробар зиёд мекунем. Баробари ин дар синфҳои 10-11 омӯзиши амиқи як қатор фанҳо мувофиқи интихоби хонандагон ба роҳ монда мешаванд.

Ба мақсади дастгирӣ намудани кормандони соҳаи таълим музди миёнаи маоши онҳо 2 баробар зиёд карда мешавад. 1000 нафар тарбиягарон ва омӯзгорон барои баланд бардоштани ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ ба кишварҳои хориҷӣ фиристода хоҳанд шуд. Ҳамчунин низоми қабули омӯзгорон ба кор, баланд бардоштани ихтисоси онҳо ва додани тоифа такмил меёбад. Мо минбаъд низ ба тарбияи фарзандонамон дар рӯҳи ғурури миллӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба сунатҳои умумиинсонӣ эътибори аввалиндараҷа хоҳем дод.

Дӯстони азиз!

Алҳол дар мамлакати мо дастгирӣ кардан ва инкишоф додани таълими мактабӣ ба ҳаракати умумимиллӣ табдил меёбад. Аз ҷумла, даҳҳо соҳибкорон, аз қабили Абдукарим Саксонов аз вилояти Навоӣ, Қуёш Ҳақбердиев ва Илҳом Рустамов аз вилояти Самарқанд, Ойбек Намозов аз вилояти Бухоро, Нурбек Эргашев аз вилояти Қашқадарё дар минтақаи худ мактабҳои нав сохтанд, муассисаҳои дигари таълимиро куллан таъмир намуда, онҳоро бо таҷҳизоти дахлдор таъмин карданд, собиқадори муҳтарами мо, шоир Барот Исроилов аз ноҳияи Оҳангарон дар ҳавлии худ китобхонаи замонавии дорои 10 ҳазор адад китобро аз маблағи шахсиаш сохта, онро ба мактабиёни деҳот туҳфа кард. Ҳамаи ин, бешубҳа сазовори эҳтироми бузург мебошад. Дар шахси ин одамони нек, ки сафашон сол аз сол васеъ мегардад, мо идомагарони сазовори корҳои хуби гузаштагон – ҷадидони худро мебинем, ки орзуву омоли деринаи онҳоро ба ҳаёт татбиқ мекунанд, ба бунёди пойдевори мустаҳками Эҳёи Сеюм дар кишвар мусоидат менамоянд.

Аз имконият истифода бурда, ба ҳамаи онҳо миннатдории самимии худро изҳор мекунам.

Ҳамватанони муҳтарам!

Дар Стратегияи рушди **«Ӯзбекистон – 2030»** мо якҷо бо шумо ҳамчунин ҳадафҳои нав ва нақшаҳоро бобати рушди минбаъдаи низоми таълим мушаххас кардем.

Татбиқ намудани ин вазифаҳои афзалиятнок, тарбияи насли нав, ки қодир аст масъулиятро барои тақдиру ояндаи Ватан ба зиммаи худ гирад, аз тамоми мо ниру ва саъю ғайрати зиёд, мақсаднокӣ, фидокорӣ ва меҳнати софвиҷдононаро тақозо менамояд.

Бори дигар ба шумо, омӯзгорон ва мураббиёни муҳтарам изҳор менамоям, ки барои ҳамаҷониба кумак кардан ва дастгирӣ намудани шумо барои иҷрои ин вазифаҳои муҳиму ифтихорӣ омода ҳастам.

Ба ҳамаи шумо сиҳҳату саломатӣ, бахту саодат, дар фаъолияти некатон комёбиҳои бузург, ба оилаҳоятон сулҳу салоҳ ва фаровонӣ орзу менамоям, омӯзгорони азиз!

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ХАБАРИ МУХТАСАР

дар бораи ҷамъомади умумии чилу панҷуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дигар ҷиҳати муҳим муқаррар намудани қоидаҳои додани музди меҳнати муаллимон мебошад. Аз ҷумла, барои муаллимоне, ки дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таълимии махсуси барои бачагони ба таълими махсус эҳтиёҷманд кор мекунанд, муқаррар намудани иловапулиҳо пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Дар қонун ба шахсоне, ки дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илмҳои фалсафа (PhD) доранд, ба андозаи то 30 фоизи музди меҳнати асосӣ ва ба шахсоне, ки дараҷаи илмии доктори илм (DSc) доранд, ба андозаи то 60 фоизи музди кории асосӣ додани иловапулии ҳармоҳа алоҳида нишон дода шудааст.

Инчунин кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии муаллимон пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои омӯзгорон вақти кӯтоҳи корӣ, рухсатии асосии дарозмуҳлати ҳарсолаи пардохтшаванда бо давомнокии ҳадди аксар то панҷоҳу шаш рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шуда, пардохти ҷуброни ҳармоҳа барои иҷораи манзил дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ таъин гардида, муқаррар карда мешавад, ки фарзандони омӯзгорон ба муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ дар асоси рӯйхати имтиёзнок қабул карда мешаванд, инчунин муаллимони муассисаҳои таълимии давлатӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ аз муоинаи ройгон гузаронда мешаванд.

Баъди муҳокима қонун аз ҷониби сенаторҳо маъқул дониста шуд.

Пас аз ин дар ҷамъомади умумии Сенат Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати такмил додани фаъолияти дорусозӣ» мавриди муҳокима қарор гирифт.

Имрӯзҳо дар кишвар баҳри таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, самаранок ва бехатари дорусозӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илму техника ва навовариҳо дар соҳаи фармасевтӣ ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсол пайваста кор бурда мешавад.

Дар баробари ин, зарурати боз ҳам баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳа, бекор кардани баъзе маҳдудиятҳо бо мақсади роҳандозии истеҳсоли доруҳо аз хуни донорҳо, такмил додани тартиби гузаронидани озмоишҳои клиникии маҳсулоти фармакологӣ ва доруворӣ, инчунин аз нав дида баромадани шартҳои бақайдгирии дору ва маҳсулоти дорусозӣ ба миён меояд.

Бо қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи воситаҳои доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад, ки имконияти иштироки ихтиёрӣ дар озмоишҳои клиникии маҳсулоти фармакологӣ ё дорувории шахсони солим, тағйир додани муҳлати амали шаҳодатномаи бақайдгирии доруворӣ, асбобу анҷоми таъиноти тиббӣ ва таҷҳизоти тиббӣ барои истеҳсолкунандагони ватаниро пешбинӣ менамояд, инчунин барои бақайдгирии дорувории як истеҳсолкунанда, ки таркиби якхелаи моддаҳои доруворӣ таҳти номҳои гуногуни тиҷоратӣ доранд, шароит фароҳам меорад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи донории хун ва ҷузъҳои он» ҳамчунин тағйироте ворид карда мешавад, ки ба ташкилотҳои фармасевтӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти дорусозӣ аз хуни донорӣ ва ҷузъҳои он тахассус доранд, имкон медиҳад, ки хуни донорӣ ва ҷузъҳои онро ба таври хусусӣ ҷамъоварӣ, омода, коркард ва нигоҳдорӣ кунанд.

Сенаторҳо қайд карданд, ки қонун эҳтиёҷоти маҳсулоти хунро аз ҳисоби истеҳсоли маҳаллӣ қонеъ карда, истеҳсоли навъҳои нави доруҳоро таъмин мекунад.

Қонун аз ҷониби сенаторҳо тасдиқ карда шуд.

Инчунин дар рӯзи якуми ҷамъомади навбатии умумӣ сенаторон Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати такмил додани қонунгузории замин»-ро баррасӣ карданд.

Қонуни баррасишуда як қатор меъёрҳоро дар бар мегирад, ки ба такмили тартиби татбиқи ҳуқуқи истифодаи маҳдуди қитъаи замини бегона (сервитут), муносибатҳои вобаста ба иҷораи замин ва қоидаҳои марбут ба қитъаҳои замини хусусигардонидашуда нигаронида шудаанд.

Ҳуҷҷат муқаррар кардааст, ки қитъаҳои замини ба иҷора гирифташудаи таъиноти ғайрикишоварзӣ дар баробари ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо метавонанд бо розигии иҷорадеҳ ба шахси дигар (дубора) дода шаванд.

Ҳамчунин пешбинӣ мешавад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки қитъаи замини таъиноти ғайрикишоварзиро ба тартиби дар қонун муқаррашуда ба воситаи ауксиони онлайни электронӣ гирифтаанд, метавонанд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро нисбат ба қитъаҳои замини иҷора ба шахси дигар (аз нав иҷора), вале на бештар аз муҳлати иҷора диҳад.

Ба ғайр аз ин, қонун муқаррар кардааст, ки сервитут дар ҳолате низ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки дар он сервитут муқаррар шудааст, ба шахси дигар мегузарад.

Сервитут заминдор, заминистифодабаранда, иҷорагир ва соҳиби қитъаи заминро аз ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин қитъаи замин маҳрум намекунад.

Сенаторон таъкид намуданд, ки қабули қонун ба боз ҳам вусъат додани муносибатҳои иҷоравӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба муқаррар намудани сервитут, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқҳои заминдорон, заминистифодабарандагон, иҷоракорон ва соҳибони қитъаҳои замин хизмат мекунад.

Бо назардошти рӯзмаррагӣ ва зарурати қонуни мазкур, сенаторон онро маъқул донистанд.

Бо ҳамин рӯзи якуми ҷамъомади умумии чилу панҷуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба анҷом расид.

Хидмати ахбори
Сенати Олий Маҷлиси
Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Дар қасри маданияти байналхалқии Икуо Хироямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон бахшида ба 70-солагии зодрӯзи рассоми бухороӣ Музаффар Абдуллоев намоишгоҳи шахсӣ зери унвони «Зафари ҳаёт» баргузор гардид.

«ЗАФАРИ ҲАЁТ»

Дар экспозитсия «Бухоро», «Оҳангсозон», «Ҳаёт», «Духтарон», «Оила», «Суҳбат», «Ашула», «Рассом ва парии илҳом», «Зан бо бодбезак» барин беш аз 40 номгӯй асарҳои рассом ҷой доранд. Дар онҳо муносибати муаллиф ба ҳаёт, дунёи ботинӣ, ташвишу изтиробҳои ӯро дидан мумкин.

– Шахс дар тӯли ҳаёти худ пастию баландӣ, ғаму шодӣ, муваффақияту нокомиҳоро медидааст. Муҳаббат ба зиндагӣ, касбу кор, тасвири табиати рангоранг, арзишҳои миллӣ, таърихи кишварро дар асарҳоям тасвир намудаам, – мегӯяд рассом.

М. Абдуллоев 3 ноябри соли 1953 дар шаҳри Бухоро ба дунё омадааст. Факултети «Графикаи бадеӣ»-и Донишкадаи омӯзгории Бухороро хатм намудааст. Узви Шӯрои эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон, барандаи медали тиллоии Академияи бадеии Ӯзбекистон мебошад.

Намоишгоҳ то 5 октябри соли ҷорӣ идома меёбад.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

Манзили сайёҳӣ

МАСКАНИ ПУРАСРОР

Соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, некуаҳволии мардум ва фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим дорад. Солҳои охир ҷиҳати рушди босуръати ин соҳа, афзоиши теъдоди сайёҳони хориҷӣ ба кишварамон, густариши туризми дохилӣ ислоҳоти васеъмиқёс татбиқ мешаванд.

Шуҳрати ёдгориҳои меъмории мамлакатамон ба тамоми ҷаҳон паҳн шудааст. Ёдгориҳои таърихии Самарқанд, Бухоро, Хева дар забонҳо афсонаанд. Аммо ёдгориҳои ноҳияҳои дурдаст аз назар дур мондаанд. Онҳоро доираи танги сокинон ва мутахассисон медонанду бас. Таърихи чунин ёдгориҳо кам омӯхта шудааст.

Ноҳияи зебоманзари Косонсойи вилояти Намангон таърихи чандинҳазорсола дорад. Маданияти деҳқонӣ ва хонасозӣ дар ин ҷо аз замонҳои хеле қадим оғоз ёфтааст.

Косонсой ноҳияи наздисарҳадии мамлакат буда, дорои 20 иншооти археологию меъмории аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллист. Аз ҷумла, ёдгориҳои археологии «Муғтеппа», «Ғӯзапоямазор», ҳаммомҳои қадимии зеризаминӣ, зиёратгоҳҳои «Шайх Юсуфхони Эшон», «Маҳдуми Аъзам», масҷидҳои ҷомеъ ва «Сад пири комил» метавонанд барои инкишоф ёфтани сайёҳии дохиливу хориҷӣ омили муҳим гарданд.

Яке аз ёдгориҳои қадима зиёратгоҳи Султон Саид Ҷалолиддин – Ғӯзапоямазор мебошад. Дар бораи ин зиёратгоҳ, ки ба қарнҳои X-XI тааллуқ дорад, дар асарҳои «Маҷмӯ-ут-таворих»-и Сайфуддини Ахсикентӣ, «Таърихи Фарғона»-и Исҳоқхон Ибрат ва асари олими санъатшинос Э. Кон-Винер «Санъати меъмории исломӣ дар Осиёи Миёна», ки соли 1930 аз ҷониби нашриёти Олмон Эрнст Вазмут ба чоп расидааст, маълумоти мукаммал ҳаст.

М. Е. Массон катибаи арабиро, ки дар пештоқи паҳлӯйи ҷанубии ин ёдгории меъморӣ маҳфуз мебошад, тарҷума кард, ки дар он аз ҷумла навишта шудааст: «Ҳамду сано ба султони салотин, ки ифтихори кишвару дину миллати мост, 714 ҳиҷрӣ».

Дар замони шӯравӣ маҷмӯи мақбараҳо зарари калон дида, хиштҳояшон барои сохтмони анбори колхозӣ истифода шудаанд. Имрӯз аз он мақбараҳо танҳо айвони боҳашамат (бо таҳхона), ки соли 1030 сохта шудааст, боқӣ мондааст.

Фазлии Намангонӣ дар саҳифаи 472-юми тазкираи «Маҷмӯаи шоирон» баён кардааст, ки таттот, устоди кандакорӣ Муҳаммад Аминхоҷаи Косонӣ дар замони хонигарии Қӯқанд бисёр ёдгориҳои меъмориро, аз ҷумла соли 1809 дар зодгоҳаш мақбараи Султон Саид Ҷалолиддинро таъмир кардааст.

Солҳои 60-уми асри гузашта, вақте ки таҳҳонаи бино ба шаҳрвандони тоторҳои Қрим барои истиқомат дода шуд, ҳозирон дар ҳайрат монданд, зеро тамоми бино дар асоси як чӯби азим бунёд ёфта буд. Тааҷҷубовартар он буд, ки ин чӯби азим танаи дарахти ғӯзапоя аст. Дар ин хусус чанд ривоят ҳам ҳаст. Ривоятҳо ба афсона шабоҳат доранд, аммо бо назардошти умри бисёрсолаи дарахти ғӯзапоя дар Амрикои Лотин ва Ҳиндустон, метавон гуфт, ки дар ин ривоятҳо ҳақиқате ҳаст. Дарахти ғӯзапоя то ҳол маҳфуз буда, он сайёҳонро дар ҳайрат мегузорад.

Дар қисми шарқии таҳҳона роҳи зеризаминро метавон дид, ки ба сӯйи 40 ҳуҷра мебарад.

Оре, Косонсой аз қабили масканҳои пурасрорест, ки мавзеъҳои таърихиву диданиаш зиёданду табиати нотакрораш дар дили ҳар меҳмонону сайёҳе, ки ба ин ноҳияи сарсабз меояд, иштиёқи огоҳшавиро аз таърихи дуру наздики он бедор мекунад.

М. МАМАҶОНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

1 октябр — Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён

Мураббӣ

Дилу ҷон дар талаби хоҳишу фармони мураббӣ,
Шарафи ҳар нафаре мақсаду армони мураббӣ.

Бани Одам зи мураббӣ ба камолот расидаст,
Хира мегашт ҷаҳон бе рухи хандони мураббӣ.

Ҳамаро илму адаб ёд диҳад бо дилу ҷонаш,
Аз азал ҳастии мо дар сари паймони мураббӣ.

Ман аз он шукр кунам, навбати ӯ омада имрӯз,
Ба Ватан ид шавад гардиши даврони мураббӣ.

Чу падар-модари мушфиқ ба ҳама меҳр бибахшад,
Ки аз ин рӯ дили мо шод зи унвони мураббӣ.

Чу Саодат зи Худо металабам рӯзи накӯяш,
Нарасад ҳеч газанде ба тану ҷони мураббӣ.

Саодат САНГИНОВА,
омӯзгор аз вилояти Сурхондарё.

ВИҶДОНИ БЕДОРИ ҶОМЕА

Абдуқодир вақте аз мактаб ба хона бармегашт, зуд либоси корӣ пӯшида, ба корҳои хоҷагии оила кумак мерасонд ва баъд... ноаён ба ҷойи азалан дӯстдоштааш – гӯшаи боғ меомад. Худро ба қиёфаи муаллим андохта, дари каҳдонро тахтаи синф қарор медод ва дар хузури чанд дарахти навбор... бо шавқи тамом «дарс» мегузашт. Аввал таърихи рӯзро менавишт ва баъд чун омӯзгорони ҷирфаӣ мавзӯи дарсро дар «тахтаи синф» сабт карда, пас аз як назари ҷиддӣ ва огоҳии кӯтоҳ, ки «бояд ҳама гӯшу ҳуш гарданд», ба баёни он шурӯъ мекард. Шогирдони ӯ ҳамин чанд ҷуфт дарахтони сабз буданд, ки қадаме дур аз дари каҳдон қад кашида, ҳоло ногузир ҳарфҳои ин омӯзгори кӯчакро хомӯшона «гӯш» мекарданд. Рафта-рафта ин шуғл ба бозии дӯстдоштааш мубаддал гашт – акнун бачаҳои хурдсоли ҳамсояҳонро ҷамъ оварда, ба онҳо «дарс» мегузашт. Гоҳе муаллими риёзиёт мешуд, гоҳе муаллими адабиёт, гоҳе...

Устод Абдуқодир Саломов аз ёди он лаҳзаҳои марғуби бачагӣ ба завқ омадаву фарох механдад ва риши пахтасон сафедашро қабза кардаву аз нав раҳо мекунад. Дили ман аз шунидани ин саргузашти омӯзгори акнун синну солаш ба ҷое расида лабрези ҳаяҷон мегардад. «Бачагӣ айёми беғубору нозанинест! Олами рӯъёро мемонад гӯё» – фавран аз дилам мегузарад ин фикр.

Саломов ноаён оҳ кашида, лаб зери дандон мегирад, – дандонҳояш ҳанӯз бутунанд! Ногоҳ ба рӯи серожангаш сояи ғам фаромада, дар оҳанги таассуф мегӯяд:

– Ҳамааш гузашту рафт! Хобу хаёл барин гузашт... Фикр мекунӣ, ки гӯё дирӯзак буд ва мо – бачаҳои рустоӣ ачаб фориғбол будем, ғарқи орзуҳои ширин зиндагӣ мекардем.

– Устодонатон ба шумо таассуроти хубе гузоштаанд.

– Бале, аз ҳар дарси онҳо дидаи аҷламон оҳиста-оҳиста равшан мешуд. Хоса, дарс гузаштани устод Фузайл Давлатов маро ба ваҷд меовард. Ҳар як сухани ин марди фозил дар ёдам нақш бастааст. Хоса, либоси озода пӯшидан, муаддаб ҳарф задан, дониши фарох доштани устодамро дида, дар дил орзу мекардам, ки ҳатман хондаву муаллим ҳоҳам шуд. Охир, омӯзгоронро дар дар ҳама эҳтиром мекарданд, зиёда дӯсташон медоштанд. Ман, ин тавр, аз хурдӣ шефтаи китобу дафтар ва мактабу ин маслак... будам. Падарам рағбати беназири маро ба касби омӯзгорӣ пай бурда, сидқан шод мешуд, китобҳои нав мехарид, пайваста ташвиқ мекард, ки илм омӯзам, – ба ёд меовард ӯ.

Абдуқодир Саломов 22-юми июли соли 1938 ба дунё омадаву тарбияти неке ёфтааст. Баъд дар мактаби рақами 53-и ба номи Сотим Улуғзода хонда ва азбаски ин мактаб 7-сола буд, соли 1955 бо як гурӯҳ ҳамсинфони худ, ба мактаби рақами 5-уми ноҳияи Бойсун омада, ин дабистонро соли 1958 бо баҳои аъло хатм кардааст. Сипас, дар даст номаи камол ба шаҳри Душанбе раҳсипор мегардад. Ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон хуҷҷат супоридаву донишҷӯи ин даргоҳи илм мешавад. Донишкадаро соли 1963 хатм намуда, як сол дар мактаби деҳаи Комсомоли ноҳияи Регар кор мекунад. Ниҳоят соли 1964 ба Ватан баргашта, дар мактаби рақами 32-юми деҳаи Ҳавз ба кори омӯзгорӣ мепардозад. Азбакси дар дабистони деҳа мутахассиси дорои маълумоти олӣ набуд, Абдуқодир Саломовро раҳбари мактаб таъин мекунанд. Вай ҳам ба шогирдон аз фанни забон ва адабиёт дарс медод ва ҳам дар як вақт таълимгоҳро сарварӣ мекард. Аммо аҳвол таърифӣ набуд, бинои мактаб дар ҳоли низоре қарор дошт ва шароити таълиму тадрис хеле бад буд. Абдуқодир Саломов соли 1965 як номаи шикоятие навишта, то худи идораҳои сатҳи ҷумҳурӣ рафт. Натиҷаи даводав мусбат анҷомид, – дабистони деҳаи Ҳавз таъмир шуда, шароити кор андаке беҳбуд ёфт. Аммо дар ин мактаб аз деҳаҳои атроф низ хонандагон омадаву таҳсил мекарданд. Бинобар ин сол аз сол ҷойи хониш маҳдуд мегашт. Абдуқодир Саломов соли 1969 бори дигар ба идораҳои болоии давлатӣ арз намуд, ки дар деҳаи Ҳавзи ноҳияи Олтинсой (он вақт тобеи ноияи Шӯрчӣ) мактаби замонавие созанд ва мардумро аз ноҳинҷориҳо раҳо диҳанд. Талабу дархости пайваста ва ҳақталабонаи ин раҳбари дабистонро ба инобат гирифта, ваъда доданд, ки мактаби наве бунёд месозанд. Вале роҳ ба талаб ҷавобгӯ набуд, масолеҳи сохтониро ба манзил расондан мушкил буд. Саломов бо кумаки ҳамдеҳагони баоқибат муаммои роҳро низ ҳал кард. Аммо раҳбарони давр боз як баҳонаро пеш оварданд. Ҷойи хоби коргарон ва ғизои онҳоро дастак намуданд. Аммо Абдуқодир Саломов ин мушкилро низ ҳал кард – роиҷ ваъда дод, ки коргаронро худ бо ҷои зисту ғизои даркорӣ таъмин мекунад. Дигар баҳонае намонд ва худи ҳамон сол гурӯҳи сохтмончиён омадаву тарҳи нави биноро кашиданд ва дар давоми як сол мактаби наве эъмор карданд. Абдуқодир Саломов ҳамаи онҳоро дар хонаи худ ҷой дод ва аз ҳисобаш се вақт бо ғизои гарм таъмин намуд.

Ҳоло ин хидматҳои омӯзгори чирадаст, собиқ раҳбари кордони мактабро ҳар як бошандаи деҳаи Ҳавз ба ёд оварда, таърифу тавсиф мекунанд. Абдуқодир Саломов пас аз 17 соли раҳбарӣ 18 соли дигар дар мактаби рақами 32 чун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик кор карда, ниҳоят соли 1998 ба нафақа баромад ва ҳоло гашти пирӣ рондаву ба синни 85 даромадааст. Вай бо ҳамсари худ Робия Амонова 8 писару 3 духтарро ба дунё оварда, тарбияи накӯ додаанд ва аксари онҳо соҳиби маълумоти олӣ ҳастанд.

Аммо аз суҳбат бо ин пири хирадманд дарёфтам, ки аз гирудори омӯзгорону шогирдони имрӯзаи дабистони деҳа чандон ризо нест. Каме дилозурда аст, ки имрӯз хонандагони мактаб ба илму ирфон таваҷҷуҳи зиёд надоранд ва омӯзгорон, ки равшангарони роҳи минбаъди ҷомеа ҳастанд, ба тадриси шогирдони худ аз сидқи тамом ҷаҳд намекунанд.

– Агар ҳукумат муаллимони тасодуфиро аз ғалбераш гузаронда, соҳаи таълимро аз вуҷуди чунин тоифаи туфайлихӯр пок насозад, дар бораи пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника... сухан кардан душвор, шояд хандаовар ҳам аст, – мегӯяд ин омӯзгори кордида ва барҳақ таъкид мекунад: – Хатои омӯзгорро бояд баробари хиёнат ба Ватан ва миллат донистан лозим!

Ба гуфтаи қаҳрамони мо, агар омӯзгорон иштибоҳ кунанд, саҳлангорие нишон додаву ба фарзанди мардум таълими шоиста надиҳанд, як насли ҷомеа маҷрӯҳ мешаваду, зиёни ҷиддӣ дида ва минбаъд ин зарарро ҷуброн кардан бас гарон хоҳад афтод.

Аммо, ин омӯзгори собиқадор аз он изҳори шодмонӣ кард, ки дар саросари Ӯзбекистони Нав соҳаи таълим бознигарӣ шуда, ислоҳоти густурдае ҷорӣ гаштааст. Агар ба он ҷиддӣ муносибат шавад, пеш аз ҳама худи омӯзгорон ба қадраш расида, кулли дархостҳои Президентро бо вичдони бедору дили гарм иҷро кунанд, самари хубе хоҳад дод.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

МАРДИ ШАРИФЕ АЗ САМАРҚАНД

(Очерк)

Ҳар мард, ки сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.
Ҳар беша гумон мабар, ки холист,
Шояд, ки паланг хуфта бошад.

Саъдии ШЕРОЗӢ.

Муҳаббат ба Ватану миллат, илму фарҳанг ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар замири доктори фанҳои педагогӣ, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд, сарбози мустаҳфӣ, профессор Юсуф Абдулло аз синни кӯдакӣ маъво гирифта буд.

Фарорасии иди касбии омӯзгорону мураббиён имконияти хушбахтона ба мо дод, ки чанд лаҳза аз зиндагиномаи ибратбахши ин марди накуному накукор, хоксору росткор, шарифу соҳибэҳтиром ба муштариёни рӯзнома қисса кунем, ки муште аз хирворе асту халос.

Илм дар хурдӣ – нақш бар санг

Он айём чаҳорсола ё панҷсола буд, ки китоби дарсии бобои маърифатпарвараш Раҳматуллоҳ Исматуллохзода «Раҳнамои дониш»-ро ёфта, варақ мезаду гӯё онро «мехонд». Ин рафтори писарашро дида модар табассум мекард ва баъд барои Юсуфи дилбастаи дониш вақт ҷудо карда наздаш менишаст ва як-як ҳарфҳоро нишон медод. Масъудахола (илоҳо рӯҳаш шод бод!) тугёни бузургро дар қалби кӯчак ҳис карда, ба пурсишҳои ӯ посухи қолабӣ, рӯякӣ, бачагона намедод, балки мекӯшид зимни суҳбати дилнишину гуворо ҳақиқатро ба ӯ талқин ва таълим диҳад. Фарзандаш зеҳни тез, шуури баланд ва забони бурро, ки дошт, зуд навиштан ва хондану ёд гирифт.

Падари бузургвораш Неъматбобо (ҷояшон дар ҷаннат бошад!) бо тақозои вазифа аз Самарқанд ба Фарғона рафт. Дар шафати истиқоматгоҳи онҳо мактабе ҷойгир буд. Юсуфи хурдсол ба толибилмон бо ҳавас нигариста ба модараш гуфт, ки вай ҳам ба мактаб меравад. Модари меҳрубонаш Масъудахола назди мудири таълимгоҳ омад ва дар бораи писари доништалаби хеш нақл кард.

– Мо ба хондани ӯ зид нестем, – ниҳоят розигӣ дод директори таълимгоҳ, – аммо аз сабаби хурдсолиаш ҳамчун талаба расман қабул намекунем. Бигзор омада хонда рафтан гирад. Охир «илм дар хурдӣ – нақш бар санг» гуфтаанд.

Юсуфҷони панҷсола аз рӯзҳои нахустини таҳсил бо кӯшишу ғайрат ва рамузфаҳмӣ муаллимони худро дар ҳайрат гузошт, ки боз дар синфи русӣ таҳсил мегирифт. Бо иҷозати сарвари таълимгоҳ омӯзгораш исму насаби ӯро ба дафтари синф навишт. Акнун роҳбари синф ӯро ба дигарон намунаи ибрат нишон медод. Вай дар бадали чор соли таҳсил фақат баҳои «аъло» гирифта, дар корҳои ҷамоатии мактаб фаъол буд. Роҳбари синфаш ӯро фарзандвор дӯст дошта буд, ки рӯзи боз ба Самарқанд кӯч бастани онҳо ашкрезон гуселонд. Юсуф Абдулло дар мактаби рақами 28-уми собиқ ноҳияи Сиёб низ пешқадам гашта, ғайр аз таҳсил ба варзиш низ дил баст. Футбол мебозид, гӯштин мегирифт, метохт ва дертар ҳамчун ҷавони чорпаҳлӯ, хушқаду қомат ба камол расид.

Таваҷҷуҳ ба таърихи асрорангез

Юсуф Абдулло солҳои таҳсил дар мактаб бештар доир ба таърих ва шахсони бузург асарҳои гуногунро варақ зада, бо омӯзгори фанни бостоншиносӣ Михаил Израилов баҳсу мунозираҳои шавқангез дошт.

– Ҷойи ту факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, – бо ҳисси шодмонӣ мегуфт М. Абрамович, – дар мактаби олӣ бостоншиносони пурқуввату донишманд хеле бисёранд.

Вай пас аз хатми мактаби миёна хуҷҷатҳояшро ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурда, аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт. Донишгоҳ аз мактаб фарқи куллӣ доштааст, ки дар ҳар шаш моҳ аз имтиҳону санҷиш гузаронида, савияи дониши толибилмон муайян мегардид. Вай ҳар дафъа аз санҷишҳо бо муваффақият гузашта, ба ҳурмату эҳтироми устодон соҳиб мегашт.

Амакаш академик Воҳид Абдулло таъкид мекард, ки ҷойи дӯстдоштааш китобхона бошад.

(Давомаш дар саҳ.4).

Латифаҳо

Гум шав аз назарам

Омӯзгор:

– Собир, ту ҳеч чизро намедонӣ, ба ҷойи сар кадуро бардошта гаштаӣ. Баҳоят ду.

Собир:

– Дилбар Исломовна, истеъдоди шумо истеъдоди худодод аст. Охир дар давоми сол шумо манро ба имтиҳон тайёр кардед. Ҳеч дар тасаввурам намеғунҷад.

– Хайр шуд, гиря накун, баҳоят се.

– Соли гузашта омӯзгори беҳтарини сол будед. Барои ҳама намунаи ибрат!

– Баҳоят чор, дигар набинамат.

– Муаллимаҷон, шумо ғолиби озмуни омӯзгорони мамлакат будед. Педагогҳои кишвар таҷрибаи шуморо меомӯзанд...

– Бепарво нашав, дарсҳоро саривақт аз худ намо. Бисёртар китоб хон.

– Боварӣ ба одам пару бол мебахшад, ба фатҳи қуллаҳои нав ба нав даъват менамояд.

– Баҳоят панҷ, гум шав аз назарам!!!

Гумони бад

Хонандагони синфи 5«б» дар Рӯзи омӯзгорон ба роҳбари синф 15 дона шакалод ва 5 қуттӣ конфет тухфа карданд.

Омӯзгор дар танҳоӣ худ ба худ андешид: «Бачаҳо, аз афташ, маро дӯст намедоранд. Охир метавонистанд дигар чиз тухфа кунанд. Онҳо маро ба бемории қанд гирифтор карданӣ».

Якчашмаҳоро намегиранд

Омӯзгор:

– Тайёр шавед, бачаҳо, диктант менависем.

Расулов:

– Устод, қаламам дар хона мондааст.

Омӯзгор хост қалами худро ба ӯ диҳад:

– Расулов, ман ҳозир қаламамро ба сӯйи ту ҳаво медиҳам, ту бояд суҳбататро бо Неъмат қатъ карда, онро дорӣ. Вагарна аз ту сарбоз намебарояд.

– Ҳоло ҳамаро ба сафи лашкар мегиранд.

Омӯзгор:

– Якчашмаҳоро намегиранд.

Фанерро кӣ шикаст?

Муаллими меҳнат ба сари бачаҳо дод зад:

– Кӣ фанерро шикаст? Такрор мепурсам: фанерро кӣ шикаст?

Талабае:

– Шояд шумо оинаро дар назар доред?

– Не, дина оинаро шикаста буданд, ман дар ҷояш фанер гузошта будам. Фанерро кӣ шикаст?

Боварӣ

Директор дар шӯрои педагогии мактаб гуфт:

– Шумо хабар доред, ки хатмкардаи мактаби мо фабрикаи нодиреро ихтироъ кардааст. Он маводи мухаддири синтетикӣ истеҳсол менамояд.

Омӯзгори адабиёт:

– Хонданро дӯст намедошт. Бубинед, аз ӯ одами хуб набаромад.

Омӯзгори таърих:

– Хотираи таърихӣ надошт. Мана, бубинед, номаш дар таърих ба гандагӣ баромад.

Омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ:

– Варзишро бад медид. Инак, лаҳзида ба вартаи маводи мухаддир афтод.

Омӯзгори кимиё бо рӯмолчааш ашкҳояшро поккунон изҳор дошт:

– Ман танҳо ба ӯ бовар доштам, ки пеш меравад.

Тарҷума ва таҳияи
К. АБДУЛЛОЕВ.

«МАН ТАРИҚИ ЗИНДАГИРО АЗ ПАДАР ОМӮХТАМ...»

Падарам Ӯзбекбой ном дошт. Чунин ном гирифтани қиблагоҳам таърихе дорад. Солҳои 30-уми асри гузашта. Зиндагии мардум сангин. Нодорӣ, норасоӣ, камбағалӣ одамонро азият медод. Аз ин рӯ, аксарияти аҳолӣ оилаашро гирифта барои ёфтани қути лоямут деҳаро тарк мекарданд. Бобоям низ бо аҳли оилааш ба деҳаи Галаҷин, ки дар қисми ҷанубии Сиёҳкӯҳи қаторкӯҳи Нурато ҷойгир аст, рахти сафар мебандад. Падарам дар ҳамон деҳа ба дунё меояд. Аксарияти аҳолии деҳаи Галаҷин ӯзбекон буданд. Аз ин рӯ, «дар байни ӯзбекон ба дунё омад» гуфта, номашро Ӯзбекбой мегузоранд. Ӯ ҷонфидои миллату забони тоҷикӣ буд ва то охири ҳаёташ ба пойдориву рушду ривоҷи забони модариаш ҳисса гузошт.

Падарам 20-уми сентябри соли 1933 ба дунё омадааст. Дар хурдсолӣ аз падар ятим мемонад. Модараш момои Шодмонгул ӯро ба таъбире «гурбавор газида» ба воя мерасонад. Модаркалонам зани дорои саводи куҳна буд ва нақлу ривоятҳои пандомез, суруду таронаҳои дилангезро гуфта, писари ягонаи худро дар руҳи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия намудааст, ки минбаъд ба падарам ҳамчун дарси ҳаёт хидмат кардаанд.

Дар солҳои қаҳтиву гуруснагӣ ба ояндаи дурахшони зиндагӣ бовар карда, ба ҳама душвориву сахтиҳо тоб оварда, писарашро хононд, соҳиби касбу кор, обрӯву эътибор гардонд.

Падарам, ки аз навозишу меҳрубониҳои падар барвақт маҳрум гашта буд, дар симои модараш зани муқаддас, зани меҳрубону меҳнатиро дидааст. Аз модараш як умр розӣ буда, то дами вопасин хидматашро кардааст...

(Давомаш дар саҳ.4).

АЗ ҲОЛИ ОМӮЗГОРОНИ СОБИҚАДОР ВА БЕМОР ХАБАР ГИРИФТА ШУД

Дар вилояти Фарғона собиқадороне кам нестанд, ки солҳои тӯлонӣ дар соҳаи таълими халқ самаранок меҳнат карда, ба таълиму тарбияи наслҳои оянда саҳми арзанда гузоштаанд.

Пеш аз таҷлили 1-уми октябр – Рӯзи омӯзгорону мураббиён таҳти роҳбарии сардори раёсати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Шерзод Долимов аз 43 нафар чунин омӯзгорони собиқадор, ки дар ин соҳа кор карда, ба нафақа баромаданд, хабар гирифта шуд.

Ба собиқадорони меҳнат гулдастаҳо, туҳфаҳои хотиравӣ, ташаккурнома ва табрикоти идонаи раёсати таълими томактабӣ ва мактабҳои вилоят супурда шуд.

– Қадршиносӣ аз ин гуна собиқадорон кори хайру савобест. Зеро онҳо дар тӯли солҳои дароз барои баланд бардоштани маънавият ва маърифати фарзандони мардум хидмати беназир анҷом додаанд. Гузашта аз ин, истифодаи таҷрибаи онҳо имрӯз барои пурсамар ташкил намудани фаъолияти омӯзгорони ҷавон, баланд бардоштани сифат ва самараи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ҳамеша натиҷаҳои хуб ба бор меоварад, – мегӯяд Шерзод Долимов.

Омӯзгорони собиқадор аз ин иқдоми сардори раёсати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят ва дастандаркорони он изҳори қаноатмандӣ ва сипосгузорӣ карданд ва барои шароитҳое, ки аз ҷониби сарвари давлат барои ҳодимони муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда шудааст, шукргузорӣ намуданд.

Чунин иқдоми начиб дар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ идома дорад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

БУЗУРГОН ДАР БОРАИ МАКТАБ, ШОГИРД ВА ОМӮЗГОР

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.
Абӯабдуллоҳи РӮДАКӢ.

***

Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеч Мавлоно нашуд мавлои Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.
Ҷалолуддин Балхии РУМӢ.

***

То ин ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.
Ибни ЯМИН.

***

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод.
Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар:
«Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар».

***

Устоду муаллим чу бувад беозор,
Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор.
Саъдии ШЕРОЗӢ.

***

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.
Абдураҳмони ҶОМӢ.

***

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.
Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз начот баҳра диҳад.
Камолиддини БИНОӢ.

***

Бе мураббӣ зери гардун муҳтабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.
Сайидои НАСАФӢ.

***

Ҳар киро устод набвад кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.
Ҳусайн Воизи КОШИФӢ.

***

Фанҳои мушкил вуҷуд надоранд, танҳо шарҳу тафсирҳое ҳастанд, ки ҳазмашон осон нест.
А.И.ГЕРТСЕН.

***

Мураббӣ хоҷаи мансабдор нест, агар ӯ хоҷаи мансабдор бошад, пас мураббӣ нест.
К.Д.УШИНСКИЙ.

***

Мактаб устохонаест, ки дар он тафаккури насли ҷавон ташаккул меёбад; агар ояндаро аз даст додан нахоҳӣ, бо мактаб бош.
А.БАРБЮС.

***

Шаъну шараф ба омӯзгоре, ки дар дили шогирдонаш ҳисси аз меҳнат завқ бурданро бедор карда метавонад.
Э.ХАББАРД.

Таҳия ва тарҷумаи **ФАРИШТА.**

ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

тамоми кормандони педагогиро, ки ҳаёти худро ба кори муҳим ва начҷиби тарбияи авлоди нав бахшидаанд, бо

Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён

самимона табрик гуфта,

барояшон дар иҷрои вазифаи олиҷаноб ва масъулиятнок қуваву ғайрат, комёбӣ, омад, ва ба хонадони ҳар кадомашон хушбахтию беҳбудӣ таманно менамояд.

«МАН ТАРИҚИ ЗИНДАГИРО АЗ ПАДАР ОМӮХТАМ...»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Падарам хотираҳои солҳои донишҷӯйяшро гоҳ-гоҳе ба ёд оварда чунин мегуфт: «Солҳои таҳсил роҳи Самарқанду деҳаро гоҳ пиёдаву савора, гуруснаву ташна тавассути ағбаҳои кӯҳӣ тай мекардем. Баъди чанд рӯз ба шаҳр мерасидем, таги поямон обила мешуд, ҳатто чанд рӯз бистарӣ мешудем. Рӯзе бо як рафиқам ҳангоми ба деҳа рафтан, дар соҳаи харсанге хостем каме дам гирифта гуруснагию ташнагии роҳро рафъ созем. Хобамон бурдааст. Чашм кушоям, аз ман каме дуртар чизи лӯндаяки забзард меистод. Наздиктар рафта бинам нони «буханка» санг барин сахт шуда мондааст. Ҳамон лаҳза аз хурсандӣ дар чашмонам ашк ҳалқа зад. Нонро бо санг майда карда, ба халтаҳоямон андохтем ва камкам ба даҳон андохта то деҳа расидем. Он рӯзгор сарватҳои табиии ҳам кӯҳу ҳам сахроҳои моро бегонагон азони худ карда буданд. Як муддат геологҳо дар кӯҳҳои мо корҳои тадқиқотӣ мебурданд ва он «буханка»-и сахт, ки ману рафиқамро аз гуруснагӣ начот дода буд, пасмондаи онҳо буд».

Фаъолияти директории падарам ба солҳои ташкилёбии мактабҳои нав рост меояд. Барои овардани масолеҳи сохтмон ба бинои мактаби нав, дастрас намудани маоши муаллимон ё дигар ашёҳои хониш ҳафтаҳо вақти пурқимати худро дар роҳ сарф мекард. Деҳаи мо аз ноҳия фарсаҳҳо дур аст. Он рӯзгор техника ниҳоят кам, нақлиёти мардум хару асп буд. Воқеаеро, ки падарам нақл карда буд, ба хотир биёрам, дилам озурда мегардад. Фасли зимистон. Падарам барои овардани маоши муаллимон ба марказ ноҳия меравад. Бозгашт ягон мошин намеёбад ва маҷбур мешавад тавассути ағба роҳро убур карда ба роҳ барояд. Аёси сарди зимистон гӯшу даҳону биниашро месӯзонд, атроф сапсафед барф, ҷонзоде наменамуд. Баъди роҳи тӯлонӣ, хушбахтона, ба бошишгоҳи чӯпоне дучор меояд. Чӯпон ӯро хуш қабул мекунад, нону хӯроки гарм медиҳад. Падарам шабро дар кулбаи чӯпон рӯз мекунад.

Рӯзи дигар чӯпон ба падарам як ҷомаи куҳна ва як чоруқ (пойафзор аз пӯсти ҳайвонҳо) мепӯшонаду роҳи сафед металабад ва падарам дар даст асо, дар китф борхалтаи пул – маоши муаллимон ба деҳа мефарояд. Дар роҳ ба чӣ мушкилиҳое дучор мегардад, худаш медонаду Худо…

Ёд дорам, бача будам, аспакиҳо ба хонаамон меҳмон мешуданд ва падарам ба мо – фарзандон «амаки Тошназарат, ошнои болои кӯҳ» гуфта онҳоро муаррифӣ мекард. Гӯсфанд ё бузеро сар зада ҳамсояҳо, хешон, муаллимонро ба назди меҳмон даъват мекард, аз хурсандӣ ҷойи нишаст намеёфт.

Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накӯӣ ёд медор,

– мегуфт ӯ…

Имрӯз низ дӯстии падарамро бо «ошноҳои болои кӯҳ» идома медиҳем, дар тӯю маъракаҳо якдигарро суроғ мекунем.

Падарам дар давоми фаъолияти зиёда аз чиҳилсолаи кориаш садҳо шогирдонро ба воя расонидааст, ки имрӯз ӯро бо некӣ ёд карда, бо муҳаббати беандоза ба забон мегиранд.

Меҳнати пуршараф, хизмати пурсамари падарам дар таълиму тарбияи насли наврас, дар ривоҷу пешравии диёрамон қадр ёфтааст. Соҳиби унвони Аълочии маорифи халқ, медали «Барои шуҷоати меҳнатӣ» ва дар даврони Истиқлол медали «Шуҳрат» гардидааст.

Яке аз машъалони маориф, нависанда Худойбердӣ Саидзодаи самарқандӣ, ки бо падарам дӯсти ҷонӣ буд, дар китоби ёддоштиаш «Кӣ будам, кӣ шудам» (нашриёти «Зарафшон», Самарқанд, 2008) менависад: «…Ӯзбекбойи Рӯзӣ бо ман ҳамеша ҳамроҳ, ҳамкор буд. Марди хоксор, камтарин, ҳаҷгӯй, ростқавл, хушгуфтор буд. Симои ӯ ҳамеша пеши назарам меистад. Вай дӯсти беғараз, дӯсти меҳрубон, дӯсти ҷонӣ буд».

Имрӯз мо – фарзандон фахр мекунем, ки фарзанди марди, ба гуфтаи амаки Худойбердӣ, «хоксору камтарин, ҳаҷгӯй, ростқавлу поквичдон« мебошем. Фарзандону наберагони Ӯзбекбой Рӯзиев шаш нафарамон касби пуршарафи қиблагоҳам – омӯзгориро пешаи худ кардаем. Ифтихор дорем, ки аз қафои касби падариву бобоӣ зиндагиамонро ба пеш мебарем, хизмати халқу диёрамонро мекунем.

Падарам дар синни 66 аз олам гузашт. Агар имрӯз ҳаёт мебуд, ба синни мубораки 90 мерасид.

Бо як ифтихору мамнуният аз забони шоир мегӯям:

Ман тариқи зиндагиро аз
падар омӯхтам,
Одаму одамгариро аз
падар омӯхтам.
Як нишоне аз ману аз
манманӣ дар ӯ нест,
Хоксорӣ, камтариро аз
падар омӯхтам...
Орзуям бар падар монанд
бошам доимо,
Шеваи ибратгириро аз
падар омӯхтам.

Элмурод РӮЗИЕВ,
омӯзгори тоифаи олӣ,
Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон.

МАРДИ ШАРИФЕ АЗ САМАРҚАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Он солҳо дар таътил донишҷӯёнро ба сохтмонҳои азим ё истироҳатгоҳи бачагон фиристодан анъана буд. Юсуф Абдулло бо роҳхат ба истироҳатгоҳи пешоҳангон, ки дар деҳаи хушҳавои Оҳалик ҷойгир буд, ба кор омад. Раиси ташкилоти иттифоқи касабаи фабрикаи шоҳибофӣ, ки истироҳатгоҳ дар тасарруфи он буд, ба сӯйи вай нигариста, бо тааҷҷуб пурсид:

– Ту чандсола?

– Ба ҳабдаҳ қадам мондам, – гуфт ӯ ва афзуд, – дар панҷсолагӣ ба синфи якум рафтам, ёздаҳ сол дар мактаб хондам. Ҳоло донишҷӯйи бахши аввали факултаи таъриҳи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳастам.

– О узр, аммо туро ба кор гирифта наметавонам, – бо табассуми малеҳ фаҳмонд зани маллаандоми рус, – охир ту чӣ тавр ба бачаҳои як-ду сол аз худ хурд амру фармон медиҳӣ?

Юсуф Абдулло оҳи бадард кашида меандешид, ки чӣ тавр ба дили ин зани якраву ҷиддӣ роҳ ёбад. Ҳамин вақт марди миёнсоле, ки дар шафати ӯ менишаст, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Лилия Николаевна, ин ҷавонро ба ихтиёри ман диҳед, мо ҳамроҳ кор мекунем. Ба ман ёрдамчӣ зарур.

– Агар ягон гап шавад, худатон ҷавобгар, – норозиёна ғур-ғуркунон коғазҳоро пур карда гуфт Лилия Николаевна.

Ана ҳамин тавр Юсуф Абдулло ҳамчун ёрдамчии сарвари истироҳатгоҳи пешоҳангон — Карим Ҳусаинович гашт ва аз рӯзи нахуст бо як шавқу ҳаваси беандоза ба кор пардохт. Соли дигар бошад, сарвари пешоҳангону мураббиён таъин гардид.

Аз ҳама муҳимаш, солҳои таҳсил дар донишгоҳ аз шарқшиносони машҳур В. Бартолд, профессорон И. Умняков, Полина Ген, М. Абрамов, М. Самеъбоев ва дигарон сабақ гирифт.

– Ӯ бо тавсияи устодонаш баъди дипломи имтиёзнок гирифтан, бо роҳхати донишгоҳ роҳи Тошкандро пеш гирифт ва корманди илмии Академияи улуми Ӯзбекистон шуд ва бо роҳбарии мудири шӯъбаи ховаршиносӣ Баҳриддин Маннонов ба навиштани рисолаи номзади фанҳо пардохт. Роҳбарияти академия кӯшишу ғайрат ва ҷаҳонбинии фарохи ӯро ба ҳисоб гирифта, барои таҷрибаомӯзӣ шаш моҳ ба Амрико фиристоданд.

Оғози солҳои ҳаштодум буд, ки занги телефони утоқи кориаш баланд шуд.

– Лаббай, – гӯён гӯшаки телефонро бардошт ва амри котибаро шунид:

– Зуд назди роҳбар оед, – фаҳмонд ӯ, – аз марказ вакил омадаасту шуморо мепурсад.

Юсуф Абдулло бо сад фикру хаёл ба назди сарвар омад. Вакили марказ гӯё ӯро аз бачагӣ мешиносад, хеле самимона сӯҳбат ороста, ниҳоят ба мақсад гузашт:

– Бегоҳӣ ба Маскав парвоз мекунед. Аллакай бароятон ба ҳавопаймо чипта гирифтем ва аз меҳмонхонаи марказӣ ҷой тайёр кардаанд. Пагоҳ шуморо котиби аввали кумитаи марказии ҷавонон – ВЛКСМ рафиқ Борис Пастухов қабул мекунад. Роҳи сафед!

– Азизамон Юсуфҷон, – гуфт пас аз вохӯрӣ Борис Пастухов, – аз байни 42 миллион аъзои комсомол танҳо шуморо интихоб кардем, ки ба Афғонистон фиристем. Зеро шумо олами шарқро хуб медонед ва таҷрибаи корӣ ва ҳаётӣ доред, ба забони дарӣ балад ҳастед. Ҳамагӣ се моҳ чун мушовир кор мекунед.

Аммо се моҳ ба се сол кашол ёфт. Вай дар 24 вилояти мухталифи Афғонистон саворaю пиёда азми сафар кард, шоҳиди воқеаҳои нохушу тоқатфарсо гардид, чанд маротиба бо аҷал рӯ ба рӯ шуд, хушбахтона дуои хайри волидайн буд, ки сиҳҳату саломат ба зодгоҳ баргашт.

Бо гузашти айём дар мартабаҳои баланди идораҳои ҳизбӣ, давлатӣ, вазоратҳои гуногун адои вазифа кард. Нахустин Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар Русия буд. Дар Самарқанд барои ташкил кардани Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷӣ асос гузошт.

Ҳоло ӯ ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд аст ва аллакай таълимгоҳи ӯ дар дунё шӯҳратёр гардид.

Боиси хушнудист, ки дар арафаи рӯзи муаллимон шогирдони бешумори ӯ, ки дар байни онҳо сафиру ректор, журналисту тарҷумон, забондону доктори фанҳо хеле бисёранд, устоди худро таблиқу таҳниятҳо мегӯянд.

Акмал СУЛТОНОВ,
проректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд.
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

ба муносибати

1 ОКТЯБР – РӮЗИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН

тамоми ходимони соҳаи таълим ва тарбияро самимона муборакбод гуфта,

ба ҳар як муаллиму мураббии мамлакат рӯзгори ободу осуда, саодати зиндагӣ ва барору комёбӣ орзу менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4545. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.